**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 190 с.**

Дар масири таърих яке аз дастовардҳои муҳимми миллати тоҷик ин каломи ҳунарии ӯ, яъне адабиёт аст, ки дар шакли назму наср манзур гардидааст. Мутаассифона, бо сабабҳои гуногуни ҳаводиси таърих ин адабиёт ба пурраги то ба замони мо нарасидааст. Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ибтикори сарвари муаззами миллат аксари ин осор мавриди таваҷҷуҳи доираи таҳқиқ қарор гирифтаву аз фаромӯшхонаи таърих берун оварда шуд.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз ҷумлаи нобиғагонест, ки бо офариниши силсилаосори пурғановати хеш ба суҳуфи адабиёти олмшумули мо таровату фазилати арзишманде ворид намудааст. Адиб ва мутафаккири бузург тавассути таълифи осори назмиву насрии зиёде на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти ҷаҳонӣ ҷойгоҳи хоссаи хешро пайдо намудааст.

Мавзуе, ки диссертант мавриди таҳқиқ қарор додааст, аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Самиев Ҷумахон Саймуродович дар он аст, ки бо вуҷуди дар адабиёти тоҷик таълиф ва анҷом ёфтани пажуҳишҳои зиёд перомуни Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва «Сафарнома»-и ӯ, диссертант тавонистааст дар ин хусус таҳқиқоти арзишманди илмӣ ба анҷом расонад. Диссертатсияи мазкурро метавон таҳқиқоти фарогири тамоми паҳлуҳои мавзуъ ва мундариҷаи ғоявӣ-бадеии «Сафарнома», ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ ва таърихӣ маҳсуб мешавад, донист.

Самиев Ҷ.С. дар диссертатсия худ дар баробари масъалаҳои омӯзиши марбут ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва сарчашмашиносӣ, ҳамчунин, хусусиятҳои бадеию услубии «Сафарнома»-ро мавриди баҳс қарор додааст.

Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мақому ҷойгоҳи «Сафарнома»-и Носири Хусрав барҳақ қайд намуааст, ки «Аз миёни ҳамаи сафарномаҳо, ки дар таърихи миллӣ вомехӯранд, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, ки чун дигар сафаномаанависон мероси гаронбаҳои энсиклопедиро боқӣ

гузоштааст, бинобар вижагиҳои содабаёнӣ, ибрози ақоиди дунявӣ ва ифшои ҳақиқати мардумони мухталиф бо дарназардошти бадавиву муқимнишинии онҳо ҷойгоҳи махсусро соҳиб мебошад» (диссертатсия, с. 4).

Таҳқиқу баррасии ҳамҷонибаи зиндагӣ ва корномаи Носири Хусрав қариб дар тамоми даврони омӯзиш ва пажуҳиши адабиёти асримиёнагӣ мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор гирифтааст. Оид ба рӯзгор ва фаъолияти мутафаккир муҳаққиқони кишварҳои гуногун, монанди Ҳ. Эте, В.А. Иванов, Э. Ҳансбергер, Е.Э. Бертелс, Е. Кримский, И.С. Брагинский, В.Б. Никитин, А. Зарринкуб, М. Тарзӣ, Р. Мусулмониён, Ҳ. Қаландаров, Н. Бозоров А. Л. Бузургзода, К. Айнӣ, М. Дарвеш, М. Муҳаққиқ, С.Х. Тақизода, М. Тарзӣ, Л.Р. Додихудоева, А. Девонақулов, С. Раҳимзода, Н. Арабзода, Х. Шариф, А. Алимардонов ва дигарон корҳои арзишманде ба анҷом расонидаанд, ки диссертант аз онҳо дар диссертатсияи навиштааш ба некӣ ёдовар мешавад. Ба хушбахтӣ, ин пажуҳиш ҳоло ҳам дар ҳоли идома қарор дорад. Ба ҳимоя ва баррасии муҳаққиқону донишмандон пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Самиев Ҷумахон Саймуродович далели возеҳи гуфтаҳои болоянд.

Таваҷҷуҳи довталаби дараҷаи илмӣ – Самиев Ҷумахон Саймуродовичро омӯзишу таҳқиқи мавзуи анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёти тоҷик дар мисоли «Сафарнома»-и адиб ва мутафаккири маъруфи асримиёнагӣ Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба худ ҷалб намуда, зери роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илмҳои филологӣ Олимӣ Хосият Ҳоким пажуҳиши ҷолиб анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** бошад, дар он дида мешавад, ки дар диссертатсия хусусиятҳои услубию бадеӣ, накди матни омавии «Сафарнома», мазмун, мундариҷа, сабк ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои муайян намудани ҳунари чеҳранигорӣ, мушаххас намудани мавкеи санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома» ва накши ноқил дар асар таваҷҷуҳ зоҳир карда, масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри сафарноманависӣ, бадеият ва воқеиятбаёнӣ, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва накди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёниро бо низоми муайян таҳқиқ кардааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳо ва осори илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Илова бар ин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳои** пешниҳодгардида низ эътимоднок буда, дар диссертатсия дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян ва мушаххас шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расида, муҳтавои асосии бобу фаслҳо ва масоили меҳварии таҳқиқшавандаро фаро гирифтаанд.

Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва замима иборат мебошад. Вобаста ба талаботи таҳқиқ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар боб ва фаслҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддима ва қисмати тавсифи умумии таҳқиқи диссертатсия роҷеъ ба аҳаммият, мақсад ва вазифаҳо, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия **мувофиқ ба талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори Носири Хусрав ва «Сафарнома»-и ӯ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Боби аввал**и диссертатсия **«Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар **фасли аввал «Жанри сафарнома: бадеият ва публитсистика»** диссертант оид ба жанри сафарнома, ақидаи донишмандони гуногунро доир ба жанри мазкур мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин мавзуъ хулосаҳои илмии хешро баён намудааст. Аз ҷумла, Самиев Ҷумахон Саймуродович қайд менамоянд, ки «Сафарнома» ҳамчун жанр дар заминаи саёҳати ҷаҳон ба вуҷуд омада, дар айни замон дар шакли ёддоштҳои рӯзнома ва ёддоштии сафарҳои дорои хусусияти бадеӣ, ҳуҷҷатӣ-бадеӣ, бадеӣ-публитсистӣ (вобаста ба аҳаммияти функсионалии матн ва хусусияти мавзуи он) амалӣ мегардад. Сафарнома аз лиҳози сохтор ва мазмун унсурҳои шаклҳои гуногуни жанр-очерк, ривоят, нома, ҳикоя ва ғайраро

муттаҳид карда метавонанд, яъне сафарномаҳо барои синтез бо дигар навъҳои насри биографӣ ҳамоҳанг ҳастанд» (диссертатция. с. 18).

Ҳамчунин, Самиев Ҷ.С. қайд менамоянд, ки гуногунии мавзуии навиштаҳои сафарномаҳо аз табиати омехтагии жанр шаҳодат дода, бештар ба мавқеи ҷаҳонбинии муаллиф ва қисман ба таъсири мухотаб дар интихоби маводи сайёҳӣ вобастагӣ дорад.

**Фасли дувуми боби аввалро диссертант «Нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** номгузорӣ намуда, доир ба нусхаҳои гуногуни дастраси «Сафарнома» маълумотҳои ҷолиб пешниҳод намудааст. Муқоисаи чопҳои мухталифи асари мазкур ба диссертант имкон додааст, ки ӯ дар бораи чандин нусхаҳои қадимаи «Сафарнома» нуктаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд. Муқоисаи мазкур аз тарафи дигар барои пажӯҳишҳои минбаъда дар ин самт чун роҳнамои илмӣ хидмат хоҳад намуд.

Диссертант дар **фасли сеюми** боби аввал, ки онро **«Нусхаҳои чопи оммавии асар»** номгузорӣ намудааст, асосан дар бораи ду нашри «Сафарнома», ки солҳои 1970 ва 2003 анҷом ёфтаанд, изҳори ақида кардааст. Баъди муқоисаи мукаммали ҳарду чопи «Сафарнома» Самиев Ҷ. С. роҷеъ ба иштибоҳоти дар он чопҳо ба назар расида нуктаи назари хешро баён намудааст.

Ӯ қайд менамояд, ки китоб дар асоси матни танқидии «Сафарнома», ки соли 1341 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1922 дар Берлин, дар чопхонаи «Ковиёнӣ» нашр шудааст, омода гардидаанд. Тавассути овардани таблисаҳо диссертант сараввал фарқиятҳои ҳарду чопро нишон дода, сониян, дар мавриди ҳарду нусха андешаҳои хешро ҷолиб баён сохтааст. Баъди муқоисаи матнҳои чопи аввал ва дувум диссертант ба хулосае омадааст, ки «Ҳангоми омӯзиши фарқиятҳо дар матни чопи аввал ва дувум қарор додем, ки онро аз лиҳози мазмуни грамматикӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намоем. Масалан, дар ҷадвали 3 исбот мешавад, ки агар чопи аввал дебоча набошад, пас дар чопи дувум дебоча пайдо шудааст. Ба ибораи дигар, муҳаррирону масъулини баргардон кардани матни «Сафарнома» ҳамон иштибоҳе, ки дигарон дар ихтисору изофа намудани дар Тоҷикстон кардаанд, такрор карда, кирдори басе нигаронкунандаро нисбат ба ҳифзи мероси хаттии классикон амалан роҳандозӣ намудаанд» (диссертатсия, с. 52).

**Боби дувуми** диссертатсия **«Сохтор, бандубаст ва вижагиҳои муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар **фасли аввал**и боби мазкур, ки **«Мавзуъ ва мундариҷа»** ном дорад, диссертант асосан роҷеъ ба сохтори «Сафарнома» мушаххасан перомуни дебоча ва 20 фасли алоҳида, мазмуну мундариҷаи аср пажуҳиш ба сомон расонидааст.

Воқеан, бино ба ақидаи аксари муҳаққиқон, дар адабиёти тоҷик аз рӯйи аҳаммият ва арзиш кам асареро пайдо кардан мумкин аст, ки бо «Сафарнома»-и Носири Хусрав сазовори қиёс бошад. Ин асар ҳам сафарнома аст, ҳам тазкира, ҳам таърих, ҳам ҷуғрофиё, ҳам мардумшиносӣ, ҳам фарҳангшиносӣ. Дессертант бо таҳлилу баррасиҳои илмии мавзуъ ва мундариҷаи «Сафарнома» ақидаи болоро пурраву ҳамаҷониба нишон дода тавонистааст. Чунончи ӯ қайд менамояд: «Бешубҳа, Носири Хусрави Қубодиёнӣ зимни навиштани сафарномааш ба комёбиҳо муваффақ шуда, аксар хусусияти фарҳангию меъморӣ ва қабл аз ҳама, машғулиятҳои халқҳоро ба риштаи тасвир кашидааст, ки армуғони нотакроре ҷиҳати пажуҳиши вижагиҳои фарҳангии таърихи башар аст. Шояд аз ин хотир бошад, ки то кунун ин асар мавриди баррасии паёпай қарор мегирад ва бо гузашти вақт аҳаммияти он нисбат ба пешина дар ҳоли афзоиш қарор гирифтааст» (диссертатсия, с. 72).

**Фасли дуюми боби дувум «Воқеъияти бадеӣ дар асар»** номгузорӣ шудааст. Диссертант дар ин фасл пеш аз ҳама роҷеъ ба воқеъбинона ва ба тартиби хронологӣ нишон додани мушоҳидаҳои воқеа ва ҳаводиси гуногун дар «Сафарнома» дар як давраи муайян таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар муддати ҳафт сол Носири Хусрав дар асараш дидаву шунидаҳояшро оид ба тарзи зист, анъана ва расмҳои ақвоми мухталифи бадавӣ ва ғайри он нақлҳои воқеӣ ба қалам овардааст, ки қимат ва аҳаммияти илмии асарро меафзояд.

Аз хулосаи диссертант дар ин фасл маълум мешавад, ки раванди суҳбат, баҳсу мунозира ва муколама бо мардум, хосса бо файласуфон ва аҳли дину мазоҳиби мухталиф ба андеша ва афкори адиб таъсири амиқ намудаанд. Маҳз ин суҳбату вохуриҳо ва ошноӣ пайдо намудан бо мардумони гуногунгандеш сабаби он гардидаанд, ки адиб бо афкор ва андешаи мардумон шинос шуда, ҷаҳонбинии илмии хешро ташаккул диҳад.

**Боби сеюми диссертатсия** ба **«Хусусиятҳои бадеии «Сафарнома»«** бахшида шуда, фасли аввали он **«Нақши муаллиф дар асар»** номгузорӣ шудааст. Мусаллам аст, ки дар кулли сафарномаҳо тибқи анаъана ва суннатҳои адабии муаллифон, ҳамчун ровӣ дар тамоми достону қиссаҳо ҳузур доранд. Аз оғози китоби «Сафарнома»-и Носири Хусрав то охир чеҳраи муаллиф ба ҳайси ровӣ ва дар баробари дигар персонажҳо иштирокчии аксари достону қиссаҳо ба чашми хонанда бармало мегардад. Диссертант хуб нигоштааст, ки ҳарчанд муаллиф дар суҳбату вохӯриҳои «Сафарнома»-аш андешаи ва орои хеш ва персонажҳоро дар якҷоягӣ пешкаши хонанда мегардонад, вале дар аксари мавридҳо ба мавқеъ ва нутқи ровӣ-муаллиф афзалият дода шудааст.

Диссертант хуб қайд намудааст, ки нақш ва мақоми Носири Хусрав дар асар аз зумраи қаҳрамонҳоест, ки тавассути ҷаззобу дилнишин нақл намудани

дидаю шунидаҳояш хонандаро ба андешаи шоҳиди бевосита будани ӯ дар ин ва ё он ҳодиса медонад.

Дар ин фасл андешаи диссертант роҷеъ ба истифодаи истилоҳи «ҳикоят» ва ифодаҳои «гӯянд», «шунидам», «ровӣ чунин гӯяд» дар «Сафарнома» ва овардани мисоле бо мақсади тақвият бахшидан ба фикри муаллиф низ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад: «Дар «Сафарнома» муаллиф ҳангоми овардани мисоле барои тақвияти фикраш истилоҳи «ҳикоят» ва ифодаҳои «гӯянд», «шунидам», «ровӣ чунин гӯяд» -ро истифода менамояд» (диссертатсия, с. 112).

Яке аз фаслҳои қимати баланди илмидоштаи диссертатсия **фасли дувуми боби сеюм** мебошад, ки **«Истифодаии санъатҳои бадеӣ»** ном дорад. Воқеан, диссертант дар ин фасл бо овардани мисолҳои фаровон аз асари мазкур таҳлилу таҳқиқи амиқи илмии арзишмандро анҷом додааст. Ӯ дар ин фасл ба сабки «Сафарнома» бо маҳорати баланди эҷодӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ ва ҳунари маънипардозии адиб изҳори андеша намудааст. Чуноне зикр намудем, қимат ва аҳаммияти илмии ин фасл дар он аст, ки диссертант бо овардани мисолҳои мушаххас оид ба истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, санъати ташхис, талмеҳ, ирсоли масал, суолу ҷавоб, тазодду муқобила, муболиға, қиёс аз «Сафарнома» маҳорати баланди суханварии Носири Хусравро бори дигар нишон дода тавонистааст.

Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия дар фасли мазкур доир ба истифодаи вожаҳои хосси меъморӣ ва истилоҳоти мансуб ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар «Сафарнома» сухан ба миён овардааст, ки хеле ҷолиб мебошад.

Диссертант дар **фасли сеюми боби сеюм**и диссертатсияи худ, ки «**Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ»** номгузорӣ шудааст, доир ба ба яке аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ яъне чеҳранигорӣ изҳори андеша намудааст. Вай хуб қайд намудааст, ки дар офариниши ин ва ё он асар чеҳраофаринӣ аз ҷумлаи рукни асоситарин маҳсуб мешавад. Пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи муаллифи диссертатсия ба кушодан ва бармало намудани чеҳраи муаллифи асар хеле ҷолиб ва хотирмон омадааст. Тавассути чеҳраи воқеии нависанда диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки барои ошкор сохтани қариб ҳама хислатҳои зоҳирию ботинӣ ва ҷаҳонбинии қаҳрамонҳои «Сафарнома» андешаронӣ намояд.

Нуктаи ҷолиб он аст, ки диссертант ҳангоми кушодани чеҳраи Носири Хусрав дар «Сафарнома» муносибати ӯро натанҳо ба ин ва ё он шахсият хулосабарӣ менамояд, балки андеша ва пиндори адибро доир ба ақвом ва бошандагони он сарзамин муйян менамояд. Чунончи: «Носири Хусрав дар «Сафарнома» бо баён намудани ҳақиқати авзои аҳволи араб ва соири мардумони нимҷазираи Арабистон фарҳанги ба араб хосси бадавиро инъикос намуда, аз он

нороҳат намешавад, ки табиати ин минтақа чунин фарҳанги бадавиро тавлид карда, бо он созгор мебошад» (диссертатсия, с. 143).

Муҳимтар аз ҳама, диссертант ба воситаи ошкор сохтани чеҳраи воқеии муаллиф, шиносоии ӯ бо урфу одат ва анъанаҳои мардумони манотиқи гуногуни олам роҷеъ ба чеҳраҳои таърихӣ ва фарҳангии он кишварҳо ва саҳму хизматҳои онҳо дар рушду нумуи илму маърифат андешаҳои ҷолиб иброз намудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Самиев Ҷумахон Саймуродович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Аз сохтори **автореферат** маълум мегардад, ки диссертатсия низ аз нигоҳи сохтор ва фарогирии мавзуи таҳқиқ комилан **ба талаботи илмӣ мувофиқ аст**. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф бо талаботи навиштани диссертатсия ва автореферати он ошноии хуб дорад.

Заҳматҳои муҳаққиқ лоиқи таҳсин аст, зеро диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ буда, таълифи он қадами устувори илмӣ дар мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи жанри сафарноманависӣ ва махсусан, «Сафарнома»-и адиб ва мутафаккири адабиёти асримиёнагии тоҷик Носири Хусрав мебошад. Диссертант тавассути пажуҳиши анҷомдодааш саъйю талош намудааст, ки ҷойгоҳи адиб ва мутафаккир ва таҳавули жанри сафарноманависиро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик пурра муайян намояд. Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия ва афтореферат баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф зикри мухтасари онҳоро зарур меҳисобем:

1. Хуб мешуд, агар дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» диссертант хронологияи баррасии корҳои илмӣ-таҳқиқотиро риоя менамуд. Дар саҳифаи 9-уми диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки омӯзиш ва пажуҳиши афкори фалсафии Носири Хусрав дар Иттиҳоди Шуравӣ аз солҳои 50-ум, аниқтараш, аз тарафи А. Эделман оғоз гардидаанд, вале бо сабабҳои номаълум муаллифи диссертатсия аввал дар бораи пажуҳишҳои солҳои баъд сухан ронда, сипас, дар бораи хизматҳои А. Эделман изҳори назар намудааст.

2. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва бобу фаслҳои диссертатсия насабу номи муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян ба назар намерасад. Чунончи: Ҳ. Эте, В.А. Иванов, Э. Ҳансбергер, Абдулҳусайни Заринкӯб, Маҳмуди Тарзӣ, Р. Мусулмониён, Худоӣ Шариф, Ҳ. Қаландаров, Н. Бозоров (диссертатсия, с. 6).

3. Ҳарчанд ки дар саҳифаи 7-уми диссертатсия оид ба заҳматҳои устод С. Улуғзода дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» сухан рафта бошад ҳам,

диссертант дар нишон додани адабиёт таҳти рақами 139 китоби устод Сироҷиддини Эмомалиро нишон додааст, ки ҳар кадоми аз ин корҳо арзиш ва ҷойгоҳи худро доранд. Агар муаллифи диссертатсия дар боби дараҷаи омӯзиши мавзуъ хизматҳои проффессор С. Эмомалӣ ва китобҳои ӯ «Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик»» ва «Носири Хусрав дар таҳқиқи Сотим Улуғзода», ки аз пажуҳишҳои охир ва арзишманд мебошад, дар сархати алоҳида зикр менамуд, хуб мешуд.

4. Баъзан аз тарафи диссертант ба таносуби сухан камтар аҳаммият дода шудааст. Масалан дар ҷумлаи дуюми сатри сеюми саҳифаи 21-и диссертатсия, ибораи «ду истилоҳ» ишора ба чӣ бошад, номаълум мемонад: «Ду истилоҳ мустақил буда, ҳарду аз калимаҳои арабии «сафар» ва «сайр» пайдо шудаанд».

5. Хуб мебуд, агар диссертант фасли сеюми боби аввалро, ки идомаи мантиқии фасли дуюми боби мазкур мебошад, якҷо намуда, дар фасли сеюм роҷеъ ба таҳаввули жанри сафарноманависӣ ибрози назар менамуд ва ба таври муқоиса аз дирӯзу имрӯзи ин жанр маълумот медод. Зеро дар диссертатсия борҳо ба анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёти тоҷик ишора рафта ва баъзан бархе аз сафарномаҳо номбар шуда бошанд ҳам, мушаххасан дар бораи муқоисаи забон, услуб, пайравию монандӣ, умумият ва фаркият ин сафарномаҳо аз «Сафарнома»-и Носири Хусрав маълумот дода нашудааст. Ба андешаи мо, анҷоми ин кор аҳаммияти илмии диссертатсияро бештар менамуд.

6. Дар осори манзуми Носири Хусрав ишораҳои фаровон роҷеъ ба сафари ҳафтсолаи ӯро пайдо кардан мумкин аст. Хуб мешуд, агар диссертант ин масъаларо низ дар фасли алоҳида мавриди баррасӣ қарор медод.

7. Дар диссертатсия ва афтореферат баъзан хатоҳои имлоӣ, китобӣ ва услубӣ ба назар мерасад. Аломати вергул (диссертатсия, саҳ. 7, 42, 70, 90, 91), калимаи дӯстӣ бе «ӯ» (дисс., саҳ. 8), калимаи ҷомеашиносон дар шакли «ҷомншиносон», калимаи яке дар шакли «якн» (дисс., саҳ.9), истифодаи пайвандаки «чунки» ба ҷои «Ҳарчанд ки» (дисс., саҳ. 10), «ӯ дар мавриди дидааст» (дисс., саҳ. 18, сархати 5), истифодаи бемавриди калимаи «мисраъ» ба ҷойи калимаи «сатр» ва калимаи русии «версия» ба ҷойи калимаҳои тоҷикии «ривоят, накл», «тахмин» (дисс., саҳ. 26, 35).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Самиев Ҷумахон Саймуродович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

директори генералии Муассисаи давлатии
«Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»,
доктори илмҳои филологӣ Асозода Ҳ.Р.

«12» декабри соли 2024.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Р. Солеҳова, № 5
Тел.: (+992) 918-63-37-45
E-mail: hamadoni@mail.ru

Имзои Асозода Ҳотам Раҷаброро тасдиқ мекунам:
сардори бахши кадрҳои Муассисаи
давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии
осорхонаҳои Кӯлоб» Мирзоева С.О.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони Сомонӣ, 10.
Телефон: (+833-22) 226-01; факс: (+833-22) 226-99.
E-mail: v.farhang-50@gmail.com

«12» декабри соли 2024.